# 2537 - Барои ҳамсар ҳаром аст, ки насаби шавҳари худро бигирад

## савол

Бисёре аз хоҳарон дар ҷомеаи мо дарк накарда номҳои шавҳаронашонро гирифтаанд, ҳол он, ки бояд ба номҳои падаронашон боқӣ мемонданд. Оё бар онҳо воҷиб аст, ки бори дигар номҳояшонро ба номҳои падарони худ тағйир бидиҳанд, ё барояшон ҷоиз аст, ки ба номҳои шавҳаронашон боқӣ бимонанд?

Инчунин, агар шахсе аз зино таваллуд шавад, бояд номи хонаводагии падар ё номи хонаводагии модари худро бигирад? Далели он чист? Аллоҳ бароятон подоши некӯ диҳад.

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои инсон ҷоиз нест, ки ба ғайри падари худ нисбат дода шавад. Тақлид намудани кофирон дар гузаштани ҳамсар ба насаби шавҳар ва ҳазфи насаби падар, ҳаром ва дурӯғ ва таҳқири зан аст. Касе, ки ин амалро анҷом додааст, бояд ба сӯи Аллоҳ тавба намояд ва ҳақро ба соҳибаш баргардонад, яъне ба насаби падари шаръии худ баргардад. Аммо ба валадуззино насаби модараш дода мешавад, на насаби марди зинокор.

(Барои дарёфти маълумоти бештар ба саволи рақами 1942, 284 нигаред).